# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Таваҷҷуҳ ба раванди таҳаввули адабиёти муосири тоҷик бозгӯи ин амр аст, ки дар канори эҷоди бадеӣ бархе нависандагон ва ҳатто шоирони соҳибноми мо ба тарҷумаи адабиёти ҷаҳон машғул гардида, аз ин роҳ низ дар инкишофи адабиёти тоҷик саҳм гузоштаанд. Нақши муассири онҳо пеш аз ҳама дар муаррифии намунаҳои барҷастаи адабиёти ҷаҳон тавассути тарҷума ва манзури хонандагони кишвар гардонидани ин таълифоти арзишманд ба шумор меравад. Дар баробари ин, худи адибони машғул ба тарҷумаи бадеӣ аз роҳи мутолеаву тарҷумаи адабиёти бадеии ҷаҳон маҳорати адаби хешро сайқал бахшида, аз ин роҳ низ ғанои маънавии эҷодиёти худро таъмин намудаанд. Яке аз чунин нависандагони соҳибзавқ, ки баробари эҷоди осори мансур ба тарҷумаи адабиёти бадеии ҷаҳон машғул гардидааст, Ҳасан Ирфон мебошад. Ҳарчанд роҷеъ ба паҳлуҳои эҷодӣ ва фаъолияти тарҷумонии ӯ дар мақолаву нигоштаҳои адабиётшиносони соҳибном чун устод Айнӣ, Л. Демдечик, Раҳим Ҳошим, Муҳаммадҷон Шукуров ва дигарон изҳори назар шудааст, вале эҷодиёти ӯ ҳамчун нависанда ва тарҷумони касбӣ то кунун дар доираи рисолаи ҷудогонаи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, бо итминон метавон изҳор дошт, ки рисолаи номзадии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» яке аз аввалин таҳқиқоте ба шумор меравад, ки дар он муҳимтарин самтҳои фаъолияти эҷодии адиб ва тарҷумон ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Ба хотири муназзам ҷараён гирифтани мулоҳизарониҳои худ диссертант баррасиҳои илмии худро аз таҳқиқи зиндагинома ва мероси адабии Ҳасан Ирфон оғоз намудааст. Шеваи қобили таваҷҷуҳе, ки дар шарҳи рӯзгори адиб истифода кардааст, такя ба маълумоти худи ӯ дар романи ёддоштии "Дар кулбаи косибон" мебошад. Тавассути корбурди ин усули таҳқиқ ба муаллифи диссертатсия муяссар гардидааст, ки хеле аз нуктаҳои муҳими рӯзгори адибро муқаррар ва дар шарҳи ҳоли ӯ ворид намояд, ки дар навиштаҳои қаблии дигарон ба чашм намерасанд.

Дар боби дувуми диссертатсия мақоми Ҳасан Ирфон ҳамчун нависанда ва ҷойгоҳи ӯ дар ташаккули насри тоҷикии садаи XX таҳқиқ шудааст. Мероси адабии муаллифии нависандаро ба ҷуз аз романи ёддоштии "Дар кулбаи косибон" повестҳои "Ду ёр аз ду диёр", "Духтари Алҷазоир" ва ҳикояҳои ӯ ба вуҷуд овардааст, ки вежагиҳои муҳими сабкиву мавзуии онҳо дар алоҳидагӣ дар диссертатсия таҳқиқ шудаанд. Бо сабаби он ки осори насрии Ҳасан Ирфон зери таҳрири Солим Улуғзода ба

нашр расидаанд, муаллиф ба хулосае расидааст, ки романи ёддоштии ӯ “Дар кулбаи косибон” савумин асари ёддоштӣ баъд аз “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ ва “Субҳи ҷавонии мо”-и Сотим Улуғзода мебошад.

Дар замина таҳқиқ диссертант вежагиҳои муҳими жанрии осори насрии адибро дақиқ баррасӣ намуда, муқаррар сохтааст, ки аз ин нависанда ду повест, як роман ва як ҳикоя боқӣ мондааст ва маълум мешавад, ки фаъолияти тарҷумонии ӯ нисбат ба нависандагиаш нуфуз дорад. Аз ин рӯ, боби савуми диссертатсия ба таври муфассал таҳқиқи фаъолияти тарҷумонии нависандаро фаро мегирад. Дар ҷараёни таҳқиқот диссертант муайян кардааст, ки беҳтарин намунаҳои адабиёти ҷаҳон, ки ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд, ба қалами Ҳасан Ирфон тааллуқ доранд. Ба ин гурӯҳ осоре чун М. Горкий «Бачагӣ» (1933), «Дар байни мардум» (1936), «Университетҳои ман» (1937), Даниел Дефо «Робинзон Крузо» (1936), Жюл Верн «Бачаҳои капитан Грант» (1938), А. Толстой «Ғалла» (1949), Б. Полевой «Достони марди ҳақиқӣ» (1951), Н. Рибак «То абад бо Москва» (1954), И. Франко «Борислав механдад» (1955), романҳои Н. Чернишевский «Чӣ бояд кард?» (1956), Р. Ҷованоли «Спартак» (1956), Салтиков-Шедрин «Ҷанобон Головлѐвҳо» (1959), Г. Севунс «Теҳрон» (1959), С. Бородин «Ситораҳо дар осмони Самарқанд» (1961), С. Муқанов «Мактаби ҳаѐт» (1961), маҷмуаи «Ҳикояҳои Ҳинду Покистон» (1956), романи Р. Такур «Завол» 1958) ва ғайра дохил мешаванд. Густардагии доманаи фаъолияти тарҷумонии Ҳасан Ирфон шояд боис омадааст, ки ӯро муҳаққиқони эҷодиёташ яке аз бунёдгузорони санъати тарҷумаи тоҷик номидаанд.

Аз муҳимтарин вежагиҳои таҳқиқоти анҷомёфта дар ин бахши рисола таҳлили қиёсии осори тарҷумашуда бо матни аслии он ба шумор меравад, ки барои таъйини ҳунар ва маҳорати тарҷумонии нависанда имконият фароҳам овардааст. Диссертант дуруст таъкид намудааст, ки Ҳасан Ирфон ҳангоми тарҷумаи повести “Бачагӣ”-и М. Горкий муваффақ шудааст, ки қаринаҳои тоҷикии шахсияти меҳварии асарро пайдо намуда, матлабҳои ӯро ба хонандаи тоҷик бирасонад.

Масъалаи вежагиҳои сабкии тарҷумаҳои Ҳасан Ирфон низ дар фасли ҷудогонаи боби савуми диссертатсия баррасӣ шуда, муҳҳақиқ дар ҷараёни таҳлил ва таҳқиқи қиёсӣ муваффақ шудааст, ки муҳимтарин шеваҳои хоси кори тарҷумонии адибро муқаррар ва муваффақиятҳои ӯро бозгӯӣ намояд.

Дар Хулосаи диссертатсия, ки аз 11 банди назарӣ ва 8 банди амалӣ иборат аст, муҳимтарин натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуъ ба даст омада, баён шудаанд.

Баробари дастовардҳои назаррас илмӣ автореферати диссертатсия аз камбудиҳо низ орӣ нест:

1. Маълум аст, ки дар баробари тарҷумаи осори адибони рус, Ҳасан Ирфон намунаҳои адабиёти ҷаҳонро низ дар асоси тарҷумаҳои русии онҳо

ба забони тоҷикӣ тарҷума кардаст. Таҳлилҳои қиёсии муаллиф дар заминаи матнҳои русӣ ва тоҷикӣ қобили таваҷҷуҳанд. Хуб мешуд, ки ҳарчанд базъе осор аз рӯи матнҳои русии онҳо тарҷума шудаанд, ба забони асл онҳо, аз ҷумла ҳиндиву урду низ муқоиса мегардиданд. Ин равиши таҳқиқ арзиш ва аҳамияти диссертатсияро боз ҳам афзун мегардонид.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ мушохида мешаванд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори диссертант аст.

Эродҳои мазкур хислати тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсия таъсире намегузоранд. Дар умум метавон ба хулосае расид, ки диссертатсия **Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон»** ҷавобгӯи муқаррароти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси **10.01.04 – Таърихи адабиѐт, равобити адабӣ** мебошад.

доктори илмҳои филологӣ,
профессор, директори институти илмӣ- тадқиқотии
илмҳои ҷомеашиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нуров Н. Н.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, Хуррамшаҳр 38
Тел: 992 928763797 E-mail: nurali74@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ,
профессор Нуралӣ Нуровро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Э. Наврӯзов

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992) 90040202 E-mail: n.ehson@mail.ru

«18» майи 2023